The Government of Switzerland
Swiss Cooperation Office in Tajikistan
Swiss Consular Agency in Tajikistan

**Даъват ба иштирок дар озмуни грантӣ барои лоиҳа**

**ДАСТУРАМАЛ**

Мӯҳлати қабули лоиҳа: **03 ноябри соли 2023, соати 17:00**

Як дархосткунанда метавонад танҳо як лоиҳаро пешниҳод намояд.

**ҲАДАФ ВА ЗАМИНА:**
Грантҳо барои лоиҳа – кӯмаки молиявии кӯттоҳмуддат буда, ба ташкилотҳо, гурӯҳҳои ташаббускор ё шахсони алоҳидаи соҳаи фарҳангу санъат, барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои инноватсионии эҷодӣ, пешкаш карда мешавад.

Муддати лоиҳа: 6 - 8 моҳ, аз январи соли 2024

Ҳадди маблағгузорӣ: аз 5 000 то 30 000 франки швейтсарӣ (62 000 то 250 000 сомони мувофиқи қурби асъори миллӣ дар санаи дархост)

Аз дархосткунанда талаб карда мешавад, ки 20 % буҷаи умумии лоиҳаро хамчун саҳми худ (молиявӣ ва ё ғайримолиявӣ), ё ин ки саҳми донори дигар дошта бошад.

**МЕЪЁРҲОИ ҚАБУЛ**
Ҳуқуқи қабули грантро ташкилотҳое, ки дар соҳаи санъату фарҳанг фаъолият доранд, гуруҳҳои ташаббускор ё шахси эҷодкор доранд, ки ба чунин меъёр ҷавобгӯй бошанд:
- Ташкилотҳо на кам аз 2 сол бояд дар Тоҷикистон расман ба қайд гирифта шуда бошанд (чунин талабот ба гуруҳҳои ташаббускор ё шахсони эҷодкор рабт надорад)

**МЕЪЁРҲОИ ИНТИХОБӢ:**
На ҳамаи меъёрҳои зерин аз тарафаи ҳар як лоиҳа ҳатмист, аммо ҳар як лоиҳа то қадри имкон ба меъёрҳои асосие, ки бо хати зер қайдкардашуда омааданд бояд мувофиқ бошанд:

1. Ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мубрами ҷомеа ё инъикоси масъалаҳо ва мавзӯъҳои воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли фаҳмо ё ҷолиб барои доираи васеи шунавандагон ё бинандагон.
2. Иштироки гурӯҳҳои имконияташон маҳдуд, ба монанди ҷавонон, занон/духтарон, ҷамоатҳои музофотӣ (берун аз пойтахт) ё деҳот, ё дигар гуруҳи аҳолии дорои дастрасии маҳдуд ба имкониятҳо.
3. Равиши навоварона: лоиҳа бо равишҳо, усулҳо, мавзӯъҳо ва воситаҳои нав дар соҳаи санъат/фарҳанг фаъолит мебарад; воситаҳои нави корбарӣ бо мухлисон, шунавандагон ё тамошобинон, ва ё имкониятҳои нав, эҳтимолан рақамиро дар соҳаи санъат/фарҳанг ё муошират фароҳам меорад.
4. Ҷанбаи педагогӣ: захираҳои махсуси таълими санъат, таълимот тавассути ё дар асоси санъат, баланд бардоштани огоҳӣ тавассути асарҳои бадеӣ.

**МЕЪЁРҲОИ ИСТИСНОӢ:**
Фаъолиятҳои зерин маблағгузорӣ карда намешаванд:
- Нашри монографияҳо
- Истеҳсоли филмҳои бадеӣ
- Ҷашни солгардӣ
- Грантҳо барои сафар (масалан, иштирок дар фестивалҳо ё конфронсҳо, сафарҳои омӯзишӣ ва ғ.), агар қисми лоиҳа набошанд
- Хариди таҷҳизот, агар он қисми лоиҳа набошад
- Сохтмон ё таъмири бино, инчунин сармоягузорӣ ба дигар маводҳои монанд, агар ин қисми лоиҳа набошад.

**ДАРХОСТ** бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниход намояд:

- Нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии ташкилот
- Замимаи 1: Варақаи дархост
- Замимаи 2: Варақаи буҷа

**ТАРТИБИ КАБУЛ ВА ИНТИХОБИ ДАРХОСТҲО:**
- Грантҳо барои дастгирии лоиҳаҳо бо тартиби зерин татбиқ карда мешаванд:
- Ҳар як созмони манфиатдор, шахси эҷодкор ё гурӯҳи ташаббускор, ки ҷавобгӯи меъёрҳои дар боло зикршуда ҳаст, то 3 ноябри соли 2023, соати 17:00 дархости худро пешниҳод намояд.
- ДШҲ беҳтарин дархостҳоро интихоб мекунад ва танҳо ба дархосткунандагони интихобшуда на дертар аз 10 декабри соли 2023 посух медиҳад.
- ДШҲ метавонад аз дархосткунанда маълумоти иловагӣ талаб намояд.

**Илтимос, ба маълумоти зерин диққат диҳед:**
- Дар марҳилаи дархостсозӣ машварат дода намешавад.
- Дархостҳое, ки нопурраанд ё баъд аз мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод шудаанд, баррасӣ карда намешаванд.
- Дархост бояд ба забони англисӣ (ҳамчунин тоҷикӣ ё русӣ) пешниҳод карда шавад ва на бештар аз 7 саҳифа дошта бошад (чопи Arial 11).
- Дархост аз ташкилот бояд дар варақаи расмии ташкилот тартиб дода шавад ё бо мӯҳр тасдиқ карда шуда бошад.
- Бастаи дархост бояд дар як нусха тавассути почтаи электронӣ: dushanbe.culture@eda.admin.ch пешниҳод карда шавад.
- ДШҲ ҳуқуқ дорад, ки пас аз баррасии ибтидоии дархост аз аризадиҳанда маълумоти иловагӣ ё равшанкунанда талаб намояд.
- Ба қарори комиссияи интихобтии дархостҳо тавзеҳот дода намешавад ва муҳокима ҷой надорад.
- Пеш аз бастани шартнома бо шарикони интихобшуда, ДШҲ метавонад баҳодиҳии хатари шарикии дарпешистодаро гузаронад.

1. ***ҶАДВАЛИ ҚАБУЛ:***

   03 ноябр с 2023 . – рӯзи охири қабули ҳуҷҷатҳо.
   10 декабри с.2023 . – маълумот ба дархосткунандагони интихобшуда.

**ЗАМИМАИ 1**: ВАРАҚАИ ДАРХОСТ

ГРАНТ БАРОИ ЛОИҲА

Мӯҳлати охирини пешниҳод: **3 ноябри соли 2023, соати 17:00**

Як дархосткунанда метавонд танҳо як лоиҳаро пешниҳод намояд

| | |
|---|---|
| 1. Исми дархосткунанада: (дар ҳолати ташкилот будан, ҳолати юридикӣ, таърихи таъсис ва шумораи кормандонро бояд қайд намуд) | |
| 2. Шахси масъул ва вазифаи ӯ: (Суроға, рақами тел., сомонаи интернет, почтаи электронӣ) | |
| 3. Номи лоиҳа: | |
| 4. Маълумоти мухтасар оиди лоиҳа (2-3 ҷумла) | |
| 5. Ҳадафҳо: (кутоҳ, на зиёд аз 2 ҳадаф) | |
| 6. Натиҷаҳои банақшагирифташуда: | |
| 7. Макон ва фароҳамгирии ҷуғрофӣ: | |
| 8. Шумораи умумии баҳрабарандагони лоиҳа:<br>– Иштирокчиёни бевосита (масалан, иштироки рассомон, донишҷӯён)<br>– Баҳрабарандагони дигар (масалан, шаҳрвандон) | |
| 9. Муҳлати амалисозии лоиҳа: | |
| 10. Шарикон ва донорҳо: | |
| 11. Чораҷӯиҳои асосӣ, лаҳзаҳои назаррас, маҳсул: | |
| 12. Буҷаи умумии лоиҳа: (сомонӣ) | |
| 13. Маблағи дархостшуда: (сомони ва фоиз) | |

Санаи пешниҳод: ……………………

Имзои дархосткунанда: ……………………………

Мӯҳри ташкилот: ……………………………

**А. ДАРХОСТКУНАНДА:**
Лутфан, ба саволҳои зерин ҷавод дода, оиди ташкилоти худ (шахсияти худ ё гуруҳи ташаббускор) маълумот пешкаш намоед:
- Шумо кистед? Ҳадафи Шумо чист?
- Таҷрибаи худро дар соҳаи номбаршуда нависед.

**Б. ИЗҲОРОТИ МАВЗӮЪ:**
Лутфан, шароити феълиро нисбати мавзуи лоиҳаи пешниҳодшуда нависед. Чаро ин мавзӯъ муҳим аст ва ба фикри Шумо чаро айни ҳол ба ин мавзӯъ бояд диққат дод?

**В. ТАВСИФИ ЛОИҲА:**
Лутфан, ба саволҳои зерин ҷавоб дода, маълумоти муфассалро оиди мақсади лоиҳа ва роҳҳои ба он ноил гаштанро пешниҳод намоед, масалан:
- Чӣ тавр лоиҳаи Шумо масъалаи дар боло дарҷёфтаро ҳал карда метавонад ва кадом хосияти амиқи услуби кории Шумо дар он ба Шумо беҳбудӣ мебахшад?
- Ба кадом мақсадҳо ё натиҷаҳои интизоршуда, Шумо мехохед, воситаи лоиҳаи худ ноил шавед?
- Кадом фаъолиятҳоро барои ноил шудан ба натиҷаҳои банақшагирифташударо Шумо бояд амалӣ созед?
- Воситаҳои баҳодиҳии раванди амалисозӣ ва миқдори натиҷаҳои пешравии фаъолияти худро номбар намоед.
- Кадом навоварӣ (услуб, ғоя) дар лоиҳаи Шумо ба татбиқ оварда мешавад?
- Кӣ ва чанд кас аз лоиҳаи Шумо баҳра мегиранд?
- Саҳми лоиҳаи Шумо барои ноил гаштан ба натиҷаҳо ва дигаргуниҳои банақшагирифташуда чист?
- Бо кадом роҳ Шумо ба духтарону занҳо, ҷавонони то синни 30-сола, гурӯҳҳои этникӣ, намояндагони ҷаоатҳои деҳотӣ, ё дигар гуруҳҳои имконияташон маҳдудро кӯмаки худро расонданиед?
- Макон ва фарогирии ҷуғрофии фаъолияти лоиҳаро номбар намоед.
- Кӣ ва чанд кас дар амалисозии лоиҳаи Шумо иштирок менамоянд?
- Шарикон ва донорҳои лоиҳаро номбар намоед, ва нақши онҳоро дар лоиҳа шарҳ диҳед.
- Чӣ тавр ва кадом намуди воситаҳои иртиботро барои паҳн намудани маълумот оиди лоиҳа истифода мекунед ва ба кадом гурӯҳи мақсаднок?
- Назари оянда: нақшаҳоиояндаи Шумо баъди итмоми лоиҳа (ҳамчун шахси эҷодкор, ташкилот ё гурӯҳи ташаббускор) чӣ гуна мебошад? Нисбати маводу маҳсули лоиҳа чӣ нақша доред?

**Г. НАҚШАИ КОРӢ:**
Лутфан, нақшаи амалисозии лоиҳаро бо қадамҳои амиқи муайяншуда, ки ба натиҷабардорӣ ва маҳсулнокӣ оварда мерасонанд, пешниҳод намоед.

**Д. ХАТАРҲО:**
Лутфан, фикри худро оиди хатарҳо ва мушкилиҳое, ки ба амалисозии фаъолитяҳои пешниҳодшуда таъсири манфӣ расонида метавонанд равшан созед , ва ҳамчунин нақшаи роҳҳои бартарафкунии он хатарҳои номбаршударо дарҷ намоед.

**Е. МОЛИЯ**
Буҷа (лутфан, мувофиқи ЗАМИМАИ 2 “Буҷа”, маълумоти муфассалро дастрас намоед).

***

**ЗАМИМАИ 2** “Буҷа”: варақаи буҷаи ДШҲ барои дастгирии лоиҳа (лутфан ба ҳуҷҷати алоҳида диққат диҳед)